**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия)**

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва рушди маориф чораҳои амалӣ андешида шуда истодаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки низоми таълимро мувофиқи замон гардонанд.

Албатта, омӯзгорони таҷрибанок муносибат ва имкониятҳои дидактикиро ба методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар раванди таълими химия аз нуқтаи назари ташаккул додани ҷаҳонбинӣ дар алоқамандӣ бо ҳавасмандии омӯзиш муайян менамоянд. Амалӣ намудани имкониятҳои методҳои тарбиявӣ бо баҳисобгирии таъсири ҳамдигарии якдигарро пурракунии методҳои анъанавию ғайрианъанавӣ ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки дар дарсҳо методҳои тарбия дар раванди таълими химия, яке аз омилҳои баланд гаштани таълими химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Аз ҳамин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқотии Уроқов М.Д. актуалӣ ва муҳим ҳисобида шуда, як қатор ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонида шудааст, ба монанди: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» ва ғ. тасдиққунандаи фикрҳои баёнгардида мебошад. Дар асоси гуфтаҳои боло, мавзӯи диссертатсионии Уроқов М. Д. яке аз мавзӯъҳои актуалӣ, муҳим ва басо зарурӣ ба шумор меравад.

Дар бахши тавсифи умумии диссертатсия ҳамаи талаботҳо вобаста ба автореферати диссертатсия, аз ҷумла, оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, мавзӯъ ва ҳадаф, фарзия, вазифаи таҳқиқот инчунин ғояи пешбар, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ карда шудааст.

**Боби якум** «Ҷанбаҳои таърихӣ ва назариявии истифодаи методҳои таълим ва тарбия дар ҷараёни омӯзиши химия» ном гирифта, аз се зербоб иборат буда, **дар зербоби аввал** асосҳои назариявӣ ва методологии методҳои таълиму тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ таҳлил гардидааст. **Зербоби дуюм** «Истифодаи босалоҳияти имкониятҳои методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълимии фанни химия»- ро дар бар мегирад. **Дар зербоби сеюм** «Нақши методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим дар ҳалли босалоҳияти вазифаҳои тарбиявӣ»– барраси шудааст. **Дар зербоби чорум** «Фаъолгардонии таъсири тарбиявии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар ҷараёни таълими босалоҳияти химия»-ро дарҷ гардонидааст.

**Боби дуюм** – «Системаи ҳамбастагии методҳо ҳангоми ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявии курси химия»- аз ду зербоб иборат мебошад. **Дар зербоби якум** доири асоснок намудани зарурати ташкили системаи ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, инчунин дида баромадани ин система ва усулҳои амалӣ намудани он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. **Дар зербоби дуюм** татбиқи амалии системаи методҳои ҳамбастагӣ ба нақша гирифта шуда, ҳамаи ин омилҳоро мо дар вақти амалӣ намудани системаи дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар раванди таълими химия ба назар гирифта, маълумот медиҳад

**Боби сеюм** – «Озмоиши натиҷанокии системаи методии дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳангоми ташкили раванди таълим аз фанни химия» аз ду зербоб иборат мебошад. **Дар зербоби якум,** таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот дар давраи муқарраркунии озмоишӣ-педагогӣ доир ба татбиқи амалии системаи методии дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълим ва тарбия дар омӯзиши химия инъикос гардидаанд. **Дар зербоби дуюм,** таҳқиқи ташаккулдиҳии дониш ва маҳорати хонандагон дар раванди озмоиши педагогӣ амалӣ карда шудааст.

Аз ҷониби муаллиф Уроқов М.Д. ҳар як бобро мухтасаран дар алоҳидагӣ ҷамъбаст намуда, нуктаи назаршро оид ба моҳияти ҳар боб инъикос намуда, ҳангоми баррасӣ намудани масъалаҳои назариявӣ нуктаи назари шахсиашро низ баён намудааст. Инчунин автореферати диссертатсия бо забони фаҳмо, возеҳ тартиб дода шуда, инъикоскунандаи натиҷаҳои ниҳои таҳқиқотӣ мебошад.

Муҳаққиқ Уроқов М.Д. таъкид мекунад, ки омӯзгорон бояд барои ташаккул додани қобилиятҳои эҷодии хонандагон методҳо, воситаҳо ва таснифи масъалаҳои химиявиро истифода баранд. Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳо ҷузъи муҳими раванди таълими химия аст. Ҳангоми мунтазам ҳал кардани намудҳои гуногуни масъалаҳо ба натиҷаҳои беҳтарин ноил гардидан мумкин аст. Бинобарин коркарди низоми масъалаҳо дар раванди таълим ҷузъи муҳим ба ҳисоб меравад, зеро низоми масъалаҳо ба ноил гардидан ба беҳтарин натиҷаҳо дар муҳлати аз ҳама кӯтоҳ ва бо сарфи ҳадди ақали неру мусоидат мекунад.

Боиси зикр аст, ки автореферати диссертатсияи муаллиф Уроқов М.Д. дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф карда шудааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович ба иҷро расидааст, аз нигоҳҳои

назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогикаи муосир саҳмгузор мегардад.

Дар асоси хулосаҳои боло, диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович таҳти унвони «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ҳисобида, ҷавобгӯй ба талаботҳои зербоби 4, 5, 7, 15, 18, 19, 33, 36,-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардида буда, рисоланавис Уроқов М.Д. барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва усулҳои парвариш (химия) арзанда ҳисобида шавад.

**Саромӯзгори кафедраи**
**фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзии Донишкадаи**
**энегетикии Тоҷикистон, н.и.п.** **Азимов Р.Р.**

**Имзои Азимов Р.Р. ро тасдиқ мекунам**
**сардори ШК ва КМ ДЭТ дар н. Кушониён** **Каримов З.**